# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳатович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояҳои давраи истиқлол», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Раванди таҳаввули адабиёти муосири тоҷик шореҳи ин амр аст, ки дар даврони истиқлоли миллӣ тамоюлҳои тозае дар анвоъи осори манзум ва манзур ба зуҳур расиданд, ки омил ба рушди сохториву бадеӣ ва муҳтавоии онҳо гардиданд. Ҳикоя ҳарчанд чун як жанри суннатии адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад, вале дар ҳар давру замон вобаста ба авзои сиёсиву иҷтимоӣ, адабиву фарҳангӣ махсусиятҳои муайяи хешро касб намудааст. Дар марҳилаи нави таърихӣ низ пешрафтҳои назарраси он бар асоси бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ чашмрас буда, ба пажӯҳиши ҷудогонаву муайяне ниёзманд аст. Ҳарчанд масоили марбут ба поэтикаи он дар рисолаи илмии доктори илми филология Шамсиддин Солеҳов “Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80-уми қарни бист” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале вобаста ба пешрафти адабиёти давр дигар ҷанбаҳои он ниёз ба омӯзиши амиқ дорад. Дар баробари ин, дар рисолаи мазкур асосан ба ҷанбаҳои ҳунарии насри муосири тоҷик, аз ҷумла жанри ҳикоя дар солҳои 70-80-уми асри бистум таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳатович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояҳои давраи истиқлол» яке аз аввалин кӯшишҳои таҳқиқи ду ҷанбаи муҳими ҳикоя дар ин давраи таърихӣ - яке бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ ва дигаре таҷассуми муаммоҳои ахлоқӣ дар онро фаро мегирад. Аз мутолеаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки нахуст диссертант зарурати таҳқиқи мавзуъро хеле мушаххас баён дошта, дар ҷараёни баррасии дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар муқаддима ба назари донишмандони тоҷик маҳдуд нашуда, пажӯҳишҳои дар заминаи нақду баррасии жанри ҳикоя анҷомдодаи мунаққидону муҳаққиқони русу аврупоиро низ мутолеа ва мавриди муқобалаву қиёс қарор додааст, ки ин шеваи таҳқиқ шоистаи истиқбол мебошад.

Диссертант ба масъалаи заминаҳои ин таҳаввули сохториву муҳтавоии ҳикоя руҷуъ намуда, муқаррар сохтааст, ки дар солҳои 70-80-уми асри гузашта як гуруҳ нависандагоне чун Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Куҳзод, Сорбон, Муҳаммадзамони Солеҳ, Баҳманёр, Сайф Раҳимзод, Юсуф Акобир, Кароматулллоҳи Мирзо ва дигарон ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, ки заминаҳои муҳками рушди ҳикоя дар даврони истиқлоли миллӣ ба номи онҳо марбут аст, зеро қисмате ин нависандагони соҳибном худ минбаъд намунаҳои беҳтарини ҳикояи

тоҷикиро дар замони истиқлол эҷод намуданд. Дар баробари ин, ин насли бузурги адабиёт ба тарбияи нависандагони соҳибқалами ҷавон низ мусоидат намуданд, ки бевосита онҳо дар даврони истиқлоли миллӣ рушд кардаанд.

Марҳилаҳои асосии ташаккули жанри ҳикоя дар адабиёти муосири тоҷик аз замони устод Айнӣ то рӯзгори мо низ дар диссертатсия ба дидгоҳҳои тоза ва шеваи дигаргуна мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки онро метавон аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими диссертатсияи мавриди тақриз унвон намуд. Ҳамчунин, масъалаҳои ташаккули сохторӣ ва муҳтавоии ҳикоя дар замони истиқлол ва махсусан таҷассуми масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ дар ин давраи муҳими таърихӣ низ ба таври барҷаста ва амиқ ба риштаи таҳқиқ шудааст. Бар асоси пажуҳишҳои анҷомдодаи хеш диссертант муваффақ бар он гардидааст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик заминаҳо ва омилҳои иҷтимоиву ахлоқии ташаккули жанри ҳикоя дар давраи истиқлоли миллиро ба таҳлилу баррасӣ намуда, дар баробари ин ҷилваҳои ҳунармандонаи масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар мундариҷаи ин навъи муҳими адабӣ ба муомилоти илмӣ ворид намояд. Дар мисоли ҳикояҳои нависандагони даврони истиқлол чун Саттор Турсун, Кароматулло Мирзо, Сорбон, Баҳманёр ва дигарон идомаи суннатҳои ҳикоянависӣ ва баъзе аз тозакориҳои эшонро дар таҳаввули сохториву муҳтавоии ҳикоя дар даври нави таърихӣ шарҳу тафсир намудааст, ки ин ҷанбаи таҳқиқоти анҷомёфта низ муҳим ва қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад.

Ба таври умум, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи мавриди тақриз ба фарогирии як самти тозаи таҳқиқӣ дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиши муҳим ва тоза буда, паҳлуҳои мухталифи жанри ҳикоя дар замони истиқлол дар он таҳқиқ шудаанд.

Дар канори ин дастовардҳои назаррас дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст:

1. Ба андешаи мо, зарурати таҳқиқи жанри ҳикоя дар асоси анҷоми як таснифот дар асоси баррасии эҷодиёти нависандагоне, ки дар ду давра фаъолияти адабӣ доштанд ва нависандагоне, ки бевосита тамоми таълифоташон дар замони истиқлоли миллӣ ба зуҳур расидаанд, мавҷуд буд. Агар аз ин нигоҳ ба таҳаввули жанри ҳикоя таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам афзуда, саҳми нависандагони давраи нав ва вежагиҳои муҳими ҳикояҳои онҳо барҷастатар инъикос меёфт.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

Дар асл эродҳои мазкур ҳеҷ гоҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар умум метавон гуфт, ки диссертатсияи **Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳатович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва**

**ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояҳои давраи истиқлол»** ба муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – **Таърихи адабиёт, равобити адабӣ** мебошад.

доктори илми филология,
профессор, директори институти илмӣ- тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илми филология,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Э. Наврӯзов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru

10.11.2023